Лоиҳа

# ҚАРОРИ

## Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

### Дар бораи Комиссияи байниидоравӣ оид ба баррасии шикоятҳои иштирокчиёни озмун ва таҳвилгарон

Мутобиқи моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатӣ”, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р  м е к у н а д:

1. Комиссияи байниидоравӣ оид ба баррасии шикоятҳои иштирокчиёни озмун ва таҳвилгарон таъсис дода шавад.
2. Ҳайат ва Низомномаи Комиссияи байниидоравӣ оид ба баррасии шикоятҳои иштирокчиёни озмун ва таҳвилгарон тибқи замимаҳои 1 ва 2 тасдиқ карда шавад (замима карда мешаванд).
3. Комиссияи байниидоравӣ оид ба баррасии шикоятҳои иштирокчиёни озмун ва таҳвилгарон ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи солонаро оид ба фаъолият пешниҳод намояд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон

Лоиҳа

Замимаи 1
ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон
аз "____" _______________ соли 20___

**Ҳайати**
**Комиссияи байниидоравӣ оид ба баррасии шикоятҳои иштирокчиёни озмун ва таҳвилгарон**

Сардори раёсати Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон – раиси Комиссия
Сардори раёсати Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – муовини раиси Комиссия

**Аъзои Комиссия:**

Сардори раёсати Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
Сардори раёсати Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
Сардори раёсати Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Сардори бахши ҳуқуқ, такмил ва мониторинги хариди давлатии Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – котиби Комиссия